## ХУЛОСАИ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозода дар мавзуи «**Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия А.Ш. Қурбонов - доктори илмҳои фалсафа, профессор; аъзоён Н.Қ. Амонов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва Н.М. Раҷабзода - номзади илмҳои фалсафа, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи дараҷаи илмии номзади илм, Қодирӣ Назира Додозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ барои муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву иқтисодӣ ҷомеаи муосир ба пешрафтҳои назаррасе ноил гардидааст, ки дар ин раванд таҳқиқи масъалаҳои илмӣ мубрам маҳсуб меёбад. Махсусан, замони имрӯз тақозо менамояд, ки аҳли илм бояд дар омӯзиш ва баррасии муҳимтарин масъалаҳои илмӣ, ки дар таҳаввули маърифати инсонӣ муассиранд, кӯшиш намоянд.

Дар ин замина шинохти арзишҳои милливу маънавӣ ва иҷтимоиву инсонӣ бо дарназардошти равишҳои замонавии илми муосир яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаҳои психологияи оила, ки мавзуъҳои мубрами ҷомеаи моро фаро мегирад, вазифаи психологони ватанӣ хоҳад буд. Бо дарназардошти ин матлаб, омӯзиши илмии яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ – оила, ки дар шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ нақши муассир дорад, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Зеро муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Муайян намудани таъсири бевоситаи муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон, ки аз масъалаҳои меҳварии рисолаи илмӣ мебошад, барои рушди психологияи ватанӣ низ аҳаммияти махсус дорад.

Аз таҳқиқотҳои илмии психологияи муосир равшан аст, ки муҳити солими оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон нақши муассир гузоштааст. Бо вуҷуди ин, ки дар марказҳои илмии ҷаҳонӣ омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба оила ва муҳити иҷтимоии хонаводаҳо,

ҳамчунин таъсири онҳо ба одобу ахлоқи аъзоёни оила, хусусан, наврасон мақолаву рисолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд ҳам, дар муҳити иҷтимоӣ ва илмии кишвар таҳқиқи чунин масъалаҳо дар илми психологияи миллиамон маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ татбиқи амалии худро ёфта истодааст.

Дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Тоҷикистон санҷишҳои пуршиддати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро паси сар кардааст, ки ин марҳилаи таърихӣ дар дигаргунсозии раванди иҷтимоӣ-психологии оилаҳо бетаъсир намондааст. Ба хусус, таъсири пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ ба оилаҳои тоҷик яке аз мавзуъҳои ниҳоят мубрами психологияи иҷтимоии миллӣ мебошад, ки дар ин самт метавон таҳқиқоти пурвусъатеро ба роҳ монд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба фазои психологии оилаҳо таъсири назаррасӣ худро гузоштааст ва он аз илми психологияи муосир тақозо менамояд, ки масъалаи мазкурро ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Зеро омӯзиш, таҳлилу таҳқиқи равандҳои психологӣ барои рушди соҳаи психологияи оила ва психологияи насли наврас дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Маълум аст, ки оила мураккабтарин зерсистемаи ҷомеа буда, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Тарбия ва ба воя расонидани инсон, ба маънои томаш, муҳимтарин ҳадафҳои оила ба шумор меравад. Дар психология собит шудааст, ки оила макони роҳнамои тарбия ва психологии кӯдак буда, ки дар он на танҳо ба зиндагӣ омодагӣ мебинад, балки аллакай онро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, ҳамчун ғояи пешбарандаи тарбияи фарзанд дар оила зарурати таъмини ҳаёти солим дар ҳар марҳилаи синнусолӣ ба миён меояд.

Вазифаҳои тарбия ва таълими фарзандон дар оила - ташаккул додани шахсият, қувваҳои беназири табиии он, майлҳо, қобилиятҳои инфиродӣ, инкишофи орзуҳои олии он, истифодаи воситаҳо ва усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки таъсири педагогии волидайн ба фарзандон мебошанд. Илми психологияи муосир далелҳои сершумори афзалияти таълиму тарбияи оилавӣ дар ташаккули шахсияти фарзандро дида тавонистааст. Айни замон, психологияи оила як соҳаи босуръат рушдёбандаи донишҳои илмӣ эътироф гардидааст.

Дар рушду нумӯи шахсият ва мавқеи иҷтимоии ҳар як инсон таъсири маънавии оила ниҳоят назаррас мебошад, ки онро инсон тавассути таҷрибаи солим аз сар мегузаронад. Бинобар ин, аксарияти олимони равоншинос боварӣ доранд, ки муваффақияти ташаккули шахсият дар ҳамоҳангии тарбияи оилавӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Барои рушди ҳамаҷониба ва ҳамоҳангии шахсияти худ, наврас бояд дар муҳити оилавӣ,

дар фазои хушбахтӣ, меҳру муҳаббат ва фаҳмиши ҳамдигарӣ ба воя расад. Оила маконе мебошад, ки наврасон аз нисф зиёди умри худро дар он сипарӣ мекунанд ва он дар тарбияи наврасон аввалин институти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, доираи масоили зикргардида мубрамияти мавзуи диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозодаро собит месозад.

***Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозода комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:***

1. Диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозода, дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» тибқи талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи психологияи муосирро дар самти таҳқиқи психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳи ахлоқии наврасон фаро мегирад.

2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар фаъолияти институтҳои шахсиятсозӣ, ба роҳ мондани корҳои маърифатӣ дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тобиш бахшидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибати солим дар оила, раванди таълиму тарбияи наслҳои наврасу ҷавон дар муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ метавон истифода кард.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз 15 уми июли соли 2024 таҳти № 223/шд хуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 5 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Панҷ адад мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро

инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирӣ Назира Додозода истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

6. Рисола ба талаботи банди 31-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирӣ Назира Додозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, ба ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқанд.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи «Шурои диссертатсионӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мазмуну мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омаданд, ки мавзуи диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозода ба мақсад мувофиқ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Диссертатсияи Қодирӣ Назира Додозода дар мавзуи «Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Саидов Азамат Азаматович** - доктори илмҳои психологӣ, профессор, декани факултети педагогикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Каттақӯрғон (Ҷумҳурии Узбекистон).

2. **Абдурашитов Наимҷон Фозилович** - номзади илмҳои психологӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷӣ ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимоя, ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи онтология ва назарияи
маърифати ДМТ — Қурбонов А.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи ДМТ — Амонов Н.Қ.
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи психологияи ДМТ — Раҷабзода Н.М.

"Имзои А.Ш.Қурбонов, Н.Қ. Амонов ва
Н.М. Раҷабзодаро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шодихонзода Э.Ш.

"18" 09 соли 2025